ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 - 41 саҳ.)

Автореферати диссертатсия, ки аз ҷониби Исматзода Рустам Абдусалом таҳия шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Мавод пай дар пай, мантиқӣ ва возеҳ оварда шудааст, ки моҳияти таҳқиқоти гузаронидашударо пурра ошкор мекунад. Мавзуи кор дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад. Дар реферат таҳлили ҳамаҷонибаи фишангҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), бо назардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар автореферат унсурҳои асосии таҳқиқоти илмӣ пурра пешниҳод карда шудаанд ва бо мундариҷаи диссертатсия алоқаманданд: аҳамияти мавзӯъ ва дараҷаи таҳияи он ошкор карда шудааст, мақсадҳо ҳадафҳо ва вазифаҳо таҳия карда шудаанд, объект ва предмет муайян карда шудаанд, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикии кор тавсиф карда шудаанд, навгонии илмӣ, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада нишон дода шудаанд. Илова бар ин, дар он нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда инъикос ёфтаанд. Ин сохтор имкон медиҳад, ки коркарди мушкилот, мустақилияти муаллиф ва натиҷаҳои баровардашударо объективӣ арзебӣ кунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мубрамияти мавзӯъ бо он алоқаманд аст, ки дар таълимоти ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз таҳқиқи ҳамаҷонибаи таркиби ҷинояти дар моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бо назардошти воқеиятҳои муосири иқтисодӣ ва технологӣ мавҷуд нест. Гарчанде ки баъзе масъалаҳои қалбакӣ намудани пул дар адабиёти таълимӣ ва тафсирҳо ба Кодекси ҷиноятӣ дахл доштанд, онҳо асосан дар калиди амалӣ, бидуни таҳлили амиқи аломатҳои таркиб, асоснокии мавзуъ ва бандубасти ҳолатҳои марбут ба он баррасӣ карда шуданд. Дар натиҷа, дар татбиқи ҳуқуқ равишҳои баҳсбарангез ба тафсири меъёр нигоҳ дошта мешаванд, дар илм бошад, норасоии таҳияҳои

мустақил, ки хусусияти қонунгузории миллӣ ва низоми ҳуқуқии ҶТ-ро ба назар мегиранд.

Мубрамияти хосро ба таҳқиқоти мазкур мувофиқ будани танзими миллӣ бо уҳдадориҳои байналмилалӣ ошкор менамояд: Конвенсияи Женева аз соли 1929 стандартҳои ҳадди ақали таъин намудани ҷазоро ба ҳаракатҳое, ки бо сохтакории пули қалбакӣ алоқаманданд, муқаррар мекунад ва татбиқи онҳо фаҳмиши доктриналиро талаб мекунад. Илова бар ин, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва гардиши ғайриҳуҷҷатии коғазҳои қиматнок дар назди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаҳои навро дар бораи аломатҳои предмети ҷиноят ва ҷудо кардани таркибҳо мегузорад. Ҳамин тариқ, гузаронидани таҳқиқоти низомнок дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» имкон медиҳад, ки холигии мавҷудаи таълимотӣ пур карда шавад, ҳалли илмии асоснокии масъалаҳои баҳсбарангези бандубасти ҷинояти мазкур пешниҳод карда шавад ва тавсияҳое, ки барои истифода бурдан дар фаъолияти қонунгузорӣ мувофиқанд, таҳия карда шаванд.

Вобаста ба нуктаҳои овардашуда, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Исматзода Рустам Абдусалом саривақтӣ буда, он аз ҷиҳати илмӣ муҳим ва асоснок буда, дар он масъалаҳои муҳимтарини ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) тибқи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ аз соли 1998) омӯхта шудааст.

Натиҷаҳои дар автореферати диссертатсия пешниҳодшаванда асоснок ва дорои дараҷаи эътимоднокӣ мебошанд. Дар диссертатсия вобаста ба масоили тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) фикру андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудаанд, ки дар онҳо таҳлили қонунгузориии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи кишвар, инъикос ёфтаанд.

Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои илмии назарияи маърифат ташкил медиҳанд, ки муносибати умумиилмии диалектикиро ба омӯзиши падидаҳои иҷтимоӣ инъикос мекунанд, аз ҷумла усулҳое, ба монанди: мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ, оморӣ истифода шудаанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот аз таҷрибаи Суди Олии ҶТ; маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва динамикаи ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025; натиҷаҳои таҳқиқоти мушаххаси сотсиологии муаллифони дигар, иборат мебошанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 98 парвандаи ҷиноятиро дар бораи ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ омӯхтааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар интишороти илмии довталаб ба таври кофӣ инъикос ёфтаанд. Вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудааст, ки аз онҳо 4-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5-тои он дар нашрияҳои дигар.

Новобаста аз он ки таҳқиқоти мазкур мусбӣ арзёбӣ мегардад, дар он баъзе аз норасоиҳое дида мешаванд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта ба сифати таҳқиқоти анҷомдода таъсир намерасонад ва бештар хусусияти мубоҳисавӣ доранд.

Муаллиф дар банди “а” пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии м. 281 КҶ ҶТ қайд намудааст, ки дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда зарурати фарқ кардани амалҳо аз рӯи хусусияти ба ҷамъият хавфнокашон ошкор гардид. Аз ҷумла, ба муомилот баровардани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок аз ҷониби шахсе, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк накарда бошад, дар муқоиса бо таркиби асосии ҷиноят (қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ), бо дараҷаи пастарини ба ҷамъият хавфнокӣ тавсиф мегардад. Дар ин асос пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 281 КҶ ҶТ қисми иловагӣ (чорум) ворид карда шавад, ки ҳолатҳои сабуккунандаи кирдори баррасишавандаро муқаррар мекунад. Ҳамчун варианти таҳрири нави меъёри пешниҳодшуда чунин ҷумлабандӣ пешниҳод карда мешавад: «Ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк накарда бошад» ва дар санксияи он чунин ҷазое пешбинӣ гардад, ки нисбат ба ҷазое, ки дар қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, сабуктар бошад. Аммо пешниҳоди мазкур асоснокии иловагиро талаб мамояд, зеро дар сурати дарк накардани хусусияти қалбакии пул ё коғазҳои қиматнок масъалаи мавҷудияти гуноҳ ва асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба миён меояд. Бодарназардошти принсипи гунаҳгорӣ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки асоснок намояд, ки дар чунин ҳолат кадом шакли гуноҳ ҷой дошта метавонад ва пешниҳоди мазкур бо муқаррароти умумии Кодекси ҷиноятӣ то чӣ андоза мутобиқат менамояд?

Хулоса. Автореферати диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом мазмуни асосии кори диссертатсионирo пурра ва бо тартиби мантиқӣ инъикос менамояд. Таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, дорои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 29-36, 40-41-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

Тақризиҳанда:
муовини директори Маркази
миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллозода П.С.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон: (992 37) 227-46-50. E-mail: 1986_ parviz.a@mail.ru

«19» 11 соли 2026

Имзои Абдуллозода П.С.- ро тасдиқ мекунам:
сардори бахши кадрҳо ва коргузории
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов У.Р.

«19» 11 соли 2026

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон: (992 37) 227-47-71, факс: (992 37) 227-63-64.
E-mail: info@mmk.tj